«**Тасдиқ мекунам**»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ академик
_____________ Салимӣ Н. Ю.
«28» сентябри соли 2018

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсия дар мавзӯи “Таҳлили лингвистӣ, гендерӣ ва омории антропонимҳои ноҳияи Лахш” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос аз рӯйи ихтисоси 6D 02.05.00.- филология (забони тоҷикӣ) аз тарафи Холназаров Руҳулло Муҳамадович дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба анҷом расидааст.

Холназаров Руҳулло Муҳамадович баъди хатми муваффақиятноки курси магистратурӣ ба шуъбаи докторантураи назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ пазируфта шуда, онро соли 2018 хатм намудааст ва ҳоло ҳамчун ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ фаъолият дорад.

Роҳбари илмӣ - Ҷӯраев Ғаффор, доктори илмҳои филология, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Ба сабаби даргузашти роҳбари илмӣ бо қарори кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ аз 27. 09. 2018, суратҷаласаи №2 доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АИ ҶТ, Раҳматуллозода Сахидод мушовири илмии унвонҷӯ таъйин гардид.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, аз 26. 02. 2016, қарори №3/66 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ шуд:**

Муҳиммияти мавзӯъ, пеш аз ҳама, ба он асос меёбад, ки номҳои сокинони ноҳияи Лахш, ки дар муҳити дузабонии тоҷикӣ-қирғизӣ умр ба сар мебаранд, то имрӯз аз нигоҳи илмӣ, хусусан, аз нуктаи назари гендерӣ (ҷинсият) ҷамъоварӣ ва мавриди таҳлили илмӣ қарор нагирифтаанд. Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва таҳқиқи антропонимҳо дар мисоли ноҳияи Лахш аҳамияти муҳими илмию амалӣ дорад.

Диссертатсия дар доираи нақшаи илмии кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ таҳия гардида, натиҷаҳои тадқиқот дар маҷаллаҳое, ки КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР таъйид намудаанд, интишор гардидаанд. Масъалаҳое, ки диссертант дар диссертатсия баррасӣ менамояд, ҳамчунин бо нақшаи илмии бахши лаҳҷашиносии Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ ҳамоҳанг мебошад.

**Мақсад ва вазифаҳои таълиф.** Ҳадаф аз таълифи ин диссертатсия, пеш аз ҳама, таҳқиқу пажӯҳиши номҳои хоси мардуми ноҳияи Лахш, ки дар муҳити дузабонӣ мезиянд, ба шумор меравад.

Ин мақсад бо ҳалли вазифаҳои зерин амалӣ мешавад:

- нишон додани ташаккули антропонимҳои ноҳия аз нигоҳи таърихӣ;
- нишон додани номҳои аслии тоҷикӣ;
- баррасии номҳои давраи куҳан;
- хусусиятҳои этнолингвистии номҳои ашхоси ноҳия ва инъикоси онҳо дар антропонимҳо;
-пажӯҳиши гендер ва муносибати антропонимҳо ба он;
- таҳқиқи хусусиятҳои овозӣ (фонетикӣ) ва грамматикии номҳои ашхоси ноҳия;
- сохтори калимасозии антропонимҳои ноҳияи Лахш;

Маводи ин диссертатсия аз деҳоту шаҳраки ноҳия, шиносой бо рӯйхати номҳо дар боғчаву мактабҳо, ҷамоатҳо, шуъбаи САҲШ ва бойгониҳо ҷамъоварӣ гардидааст. Антропонимҳои гирдомада аз давраи ташкилёбии ноҳия, яъне соли 1931 то имрӯзро фаро мегиранд. Зода ва парвардаи ноҳияи Лахш будани диссертант эътимодро ба маводи забонии гирдомада қавӣ мегардонад.

Ҳамчун осори илмӣ-назариявӣ аз таҳқиқотҳои ҳам олимони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ истифода шудааст, ки муҳимтарини онҳо тадқиқотҳои И. М. Оранский, В. И. Абаев, В. А. Лившитс, З. Г. Исаева, В. А. Никонов, О. А. Сухарева, М. С. Андреев, Д. Г. Резник, А. Н. Кузмина, И. В. Бестужев Лада, В. С. Расторгуева, О. Ғ. Ғафуров, Р. Л. Неменова, Ғ. Ҷӯраев, Ш. Рустамов, Р. Р. Раҳимов, Ш. Ҳайдаров, О. Маҳмадҷонов, Ҷ. Алимӣ, Р. Шоев, С. Хоркашев, М. Аюбова, Н. Офаридаев, О. Қосимов, Д. Карамшоев, М. Султонов, Д. Ҳомидов, А. Ҳасанов, Т. Ваххобов, З. Мухторов, М. Қосимӣ, А. Мирбобоев, М. Абдусатторов ва дигарон ба шумор меравaнд.

**Навовариии илмии** диссертатсия аз он иборат аст, ки ҳарчанд дар забоншиносии тоҷик дар бораи номҳои ашхос чи дар асоси маводи асарҳои ҷудогонаи классикӣ ва чи дар заминаи номҳои ашхоси маҳалҳои алоҳида тадқиқотҳо анҷом ёфта бошанд ҳам, роҷеъ ба номҳои сокинони ноҳияи Лахш, ки дар муҳити дузабонӣ сурат гирифтаанд, бори нахуст маълумот дода мешавад. Гузашта аз ин, баррасии маводи ҷамъоварда аз нигоҳи гендерӣ (ҷинсият) навгонии илмии мавзӯъро тақвият мебахшад.

**Аҳамияти назарии тадқиқот.** Натиҷаи илмии тадқиқоти анторопонимҳо аз он иборат аст, ки онҳо дар муҳити дузабонӣ: тоҷикӣ ва қирғизӣ ташаккул ёфта, барои рушди бахшҳои гуногуни забоншиносӣ, аз ҷумла луғатшиносӣ чун маводи назариявӣ ва амалӣ хизмат менамоянд. Ҳамчунин, натиҷаҳои назариявии тадқиқотро метавон дар баррасии минбаъдаи масоили антропонимияи тоҷик истифода намуд.

**Аҳамияти амалии тадқиқот.** Натиҷаҳои корро метавон дар донишгоҳу донишкадаҳо зимни дарсҳои назариявию амалии шевашиносӣ, луғатшиносӣ, таърихи забон, ҳамчунин курсҳо ва семинарҳои тахассусӣ доир ба ономастика ва

антропонимия ва ҳангоми тартиб додани луғатҳои ономастикӣ истифода намуд. Ҳамчунин, диссертатсия метавонад зимни таълифи асарҳои илмӣ-тадқиқотӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ мавриди истифода қорор гирад.

Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талаботи навиштани диссертатсияҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи мазкур, бешубҳа, кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, аз рӯйи мақсад ва мухтаво ба ихтисоси 6D 02.05.00.- филология (забони тоҷикӣ) мувофиқ аст.

Кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ диссертатсияи Холназаров Руҳулло Муҳамадовичро кори илмии бaанҷомрасидаи мукаммалу мубрам меҳисобад. Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст. Фишурдаи диссертатсия ва 5 мақолаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант сетои он дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР интишор гардидаанд:

1. Холназаров Р. М. Хусусиятҳои лингвистӣ ва ғайрилингвистии номҳои бачагона / Р. М. Холназаров // Паёми Донишгоҳи миллӣ. Серияи “Филология”.- 2017. - № 4/3.- С. 73-78.
2. Холназаров Р. М. Инъикоси баъзе хусусиятҳои фонетикии шеваи ҷанубӣ дар номҳои ашхоси ноҳияи Лахш (Ҷиргатол) / Р. М. Холназаров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Серияи “Филология”.-2017.- №5.- С. 75- 79.
3. Холназаров Р. М. Гендер ва муносибати антропонимҳо ба он / Р. М. Холназаров // Суханшиносӣ.- 2018. - № 2.-С. 37-44.

Бинобар ин, диссертатсияи мазкурро аз рӯйи ихтисоси 6D 02.05.00.- филология (забони тоҷикӣ) барои дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос тавсия менамояд.

Иштирок доштанд: 16 нафар:

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -16 нафар, «зид»-нест, «бетараф»-нест.

Қарори №2 аз 27.09.2018.

Мудири кафедра, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент Азиз Мирбобоев

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
E-mail:tgpu@mail.rj
www.tgpu.tj

Имзои Мирбобоев Азизро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Назаров Давлатхон